**Тақриз**

**Ба автореферати Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи “Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф” (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ) аз руи ихтисоси 23.00.02- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**

Маориф барои рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҳаётан муҳими ҳар кадом давлати соҳибистиқлол ба он хотир зарур аст, ки бе инкишофи ҳамаҷонибаи иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва умуман инсони ҳамаҷониба инкишофёфтаю фаъол пешрафти ҷомеа ғайриимкон аст.

Аз ин ру зарурияти таҳлил ва пажуҳиши ҳама ҷанбаҳои он, аз сохтани муассисаҳои маориф то нашри барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, такмилу истифодаи усулҳои нави таълим, муҳайё намудани ҳама шароитҳо баҳри аз худ намудани донишҳои гуногуне, ки онҳо боиси пешрафти ақли инсон гаштаю, қонунҳои табиату ҷамъият ва роҳҳои безарар ба табиат таъсир расонида табиате меофарад,ки он на танҳо муҳити зиндагии инсонро танг менамояд, балки боиси пешрафти иқтисодиёту сиёсат мегарданд. Аз ҳамин хотир диссертатсия дар асоси баҳои Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф арзёбӣ намудааст интихоб намудаанд.

Муаллифи автореферат Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ) мазмуну муҳтавои диссертатсия қарор дода, дар 2 боб ва 5 зербоб таҳлил намудааст.

Аз ҷумла дар боби якум **“Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф”** мавсуф дар зербоби якуми боби якум дар асоси омӯзиши ҳаматарафа омӯхтани асарҳои ба соҳаи сиёсати маориф бахшидашудаи олимони хориҷию ватанӣ такя намуда, таъкид намудааст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маълумоти миёна ва олии касбӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омад.

Ин тағйиротро муаллиф барҳақ ба се давра а) 1996-2000; б) 2000-2005; в) аз соли 2006 то инҷониб. Муаллиф давраи сеюмро муҳимтарин марҳила номидааст, зеро дар ин давра асосан базаи моддию техникӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию таълимӣ методӣ барои гузаштан ба низоми таҳсили қарзӣ омода карда шуданд. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки таҳияи технологияҳои нави таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, таҷрибаҳои эмпирикӣ ва барномаҳои

такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ ҷанбаҳои амалии таҳқиқоти илмиро дар соҳаи маориф ташкил медиҳанд. (автореферат саҳ 17)

Ҳадафи асосии ҳама ҷузъҳои системаи маориф ин муҳаёсозии шароити моддӣ-техникӣ, воситаҳои таълимие мебошад, ки онҳо қобилияти эҷодкории донишҷӯён ва афзун намудани масъулияти омӯзгорон аст, то ки маорифи кишвар ба кишварҳои хориҷӣ рақобатпазир бошад.

Зербоби дуюми боби якум ба ташаккули омилҳои инкишофи маориф дар дигаргуниҳои ҷомеа бахшида шуда, зиёдшавии афзудани нашрияҳои илмӣ, ки онҳо ҳам тағйирёбии сифати маънавии аҳолӣ ва ҳам қобилияти эҷодкории онро зиёд намуда раванди ислоҳотро тибқи талаботи намунаҳои миллию байналмилалӣ таҳия карда, давраҳои онро дар баҳамвобастагии диалектикӣ, ки яке аз дигаре маншаъ мегирад аз ҷумла давраи аввал истифодаи компютер дар соҳаи идоракунии маориф, дуюм бунёди соҳаҳои компютерию технологияи коммукатсионӣ: чун интернет ва ниҳоят давраи сеюм баҳамоии технологияҳои иттилооти коммукатсионии нав ва алоқамандии онҳо бо технологияҳои таҳсилотӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта зина ба зина бо омодасозии тамоми воситаҳои ҳуқуқию меъёрӣ ва таълимию методии ҷомеа ба низоми нави таҳсили кредитӣ ворид карда мешавад. Яъне сиёсати давлат дар соҳаи маориф тибқи тағйиротҳои куллӣ сиёсию иҷтимоӣ, инчунин қувватгирии иқтисодӣ дар амал татбиқ мегардад. Муаллиф тавонистааст ин равандро аз назари илмӣ дар диссертатсияаш возеҳ бо далелҳо нишон диҳад.

Боби дуюми диссертатсия **“Раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф”**, ки аз 3 зербоб иборат аст, дар зербоби якуми боби дуюм **“Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф”** бо рақамҳои мушаххас хароҷотҳои соҳаи маориф аз манбаъҳои гуногуни худию хориҷиро нишон дода барои бомуваффақият амалисозии маорифи ватанӣ талаботҳои асосноки илмӣ пешниҳод намудааст (автореферат саҳ.23)

Дар зербоби дуюми боби дуюм хеле дуруст қайд намудаанд, ки модернизатсияи сиёсати маориф ин нусхабардории аз сиёсати маорифи ғарбӣ набуда вай боназардошти нигоҳ доштан ва боз пурарзиштар намудани арзишҳои миллӣ буда барои ин аз таҷрибаи давлатҳои дигар низ сарфи назар набояд кард.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки раванди навсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун вазифаи мураккаб ва бисёрҷониба истифодаи равиши системавӣ ва ба назар гирифтани омилҳои гуногунро талаб менамояд. (автореферат саҳ. 27) Муаллиф ин омилҳоро мушаххас номбар кардааст.

Муфидияти рисола боз дар он аст, ки муаллиф дар зербоби сеюми боби дуюм **“Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда”** мушкилотҳоеро, ки дурнамои навсозии маориф ба онҳо дучор мегардад на танҳо номбар намудааст балки самти онҳоро мушаххас нишон додааст.

Муаллиф дуруст қайд намудаанд, ки дар ҷамъияти тағйирёбанда соҳаи маориф ба мушкилотҳои нав ба нав рӯ ба рӯ мегардад (автореферат саҳ. 29) Барои пешгирии ин мушкилиҳо, ки аз як тараф ҷаҳонишавӣ ва аз ҷониби дигар афзудани рақобатҳои сиёсию иқтисодӣ, аз ҷониби дигар бегонапарастӣ на танҳо биоси пастшавии маърифати сиёсии мардум балки ифротгароӣ низ гаштанаш мумкин аст. Аз ин рӯ ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки дар баробари афзудани нақши фанҳои табиатшиносӣ пурзӯр намудани таълими фанҳои ҷомеашиносиро низ зарур шумурдааст. Муаллиф дуруст қайд намудаанд, ки маориф бояд мавқеи шаҳрвандии шахс, салоҳияти фарҳангии ӯро ташаккул диҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар автореферат мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯъ аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф барои ҳалли ин мавзӯъ сарчашмаҳои назариявии илмии ба соҳаи маориф бахшидашудаи зиёдеро истифода бурдааст. Ин аз он маълум аст, ки муаллифи автореферат онҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуда дар бораи ҳар кадом ибрози андеша намудаанд. Дар автореферат мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот қайд карда шудаанд.

Хулоса автореферат ба ҳама талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионӣ ҷавобгӯ ва дараҷаи гузоришаш бо забони илмӣ ба ҳимоя пешкаш шуда, муаллиф сазовори дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Мудири кафедраи
фанҳои гуманитарии ДДТТ.,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Неъмонов Ҷ. М

Имзои дотсент Неъмонов Ҷ. М-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Пирзода С. С.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: (+992 37) 224-72-07

16.09.2025г.